«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осими,
профессор Давлатзода Қ. Қ.

«24» феврали 2024 с.

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ**

Диссертатсияи Икромова М.Х. дар мавзуи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осими ба анҷом расонида шудааст.

Икромова Малохат Холовна 13-юми сентябри соли 1989 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2012 Донишгоҳи техникии Тоҷикистонро ба номи академик М.С. Осими аз рӯйи ихтисоси "Иқтисодиёт ва идора дар соҳаи энергетика", хатм кардааст. Фаъолияти кории худро соли 2007 ба ҳайси котиба-оператори кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмони ДТТ ба номи академик М.С. Осими оғоз намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2009 ба ҳайси котиба-коргузори Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2010 фаъолияти худро ба ҳайси лаборанти кафедраи менеҷменти истеҳсолии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ давом додааст. Аз моҳи декабри соли 2016 бо тариқи гузариш ба ҳайси оператор-коргузорӣ факултети технологияҳои инноватсионӣ фаъолият кардааст. Аз моҳи декабри соли 2019 ба ҳайси оператор-коргузори кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмони ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ кор кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2022 бо тариқи гузариш ба ҳайси сардори бахши кор бо занони ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ то имруз фаъолияти кории худро идома дода истодааст. Инчунин ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмони ҳамин муассиса бо 0,3 басти корӣ фаъолияти омузгории худро давом дода истодааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Икромова М.Х. дар солҳои 2021-2024 унвонҷуйи кафедраи иқтисодиёт ва идоракуни дар сохтмони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осими ба шумор мерафт.

Мавзуи диссертатсияи Икромова Малохат Холовна дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осими аз 29-юми марти соли 2021, протоколи №10 тасдиқ шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Икромова М.Х. бо Фармони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ № 146-3/4 аз санаи 2-ми марти соли 2021, тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома оиди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оиди тасдиқи супоридани имтихон аз фанни таърихи фалсафа ва илм – 4 «хуб» (22.12.2022с.), забони хориҷӣ (англисӣ) -4 «хуб» (23.05.2022 с.), имтиҳони тахассусӣ: 08.00.08 - "Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит" – 5 (аъло) (19.12.2023).

**Роҳбари илмӣ:** Низомов Самариддин Фахриевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони холис:**

**Калемуллоев М.В** - д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Содиқов С.И.** - н.и.и., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини Раиси Шӯрои институти ҷамъияти бухгалтерони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Қаландарбеков Имомёрбек** – доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи "Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ"-и ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Икромова Малохат Холовна дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ» ба масъалаҳои мубрами муосири бахисобгирии идоракунӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони тоҷикӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок карда шудаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Соҳаи сохтмон ба шумори соҳаҳои калидӣ мансуб буда, дар бисёр маврид ҳалли вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва техникии тамоми иқтисодиѐти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд. Сохтмон бозистеҳсолии фондҳои асосиро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ таъмин намуда, дорои шумораи зиѐди робитаҳои байнисоҳавӣ ва самараи баланди фузунсозӣ дорад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ рушди ширкатҳои сохтмонӣ аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад, аз ҷумла: рақобати зиёд, норасоии сармояҳо, талаби захираҳои меҳнатӣ, истифодаи самараноки фондҳои асосӣ ва ғайра.

Барои баланд бардоштани самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ усулҳои нав ва самаранок лозиманд. Низоми ҳозираи баҳисобгирии молиявӣ, хусусияти умумию стандартӣ дошта, талаботи роҳбарияти субъектҳои иқтисодӣ, хусусан ташкилотҳои сохтмониро қонеъ гардонда наметавонад. Барои идоракунии босамар ва

қабули қарорҳо ба роҳбарияти ширкати сохтмонӣ маҳз маълумоти ҷузъигардонидашуда аз фаъолияти зербахшҳои дараҷаҳои гуногун, раванди иҷроиши нақшаҳо, унсурҳо ва моддаҳои хароҷот, сармоягузориҳо, фаъолияти менеҷерҳо ва ғ. зарур аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, таҳти №392), Стратегияи рушди соҳаи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №203), , инчунин Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёт ва идоракуни дар сохтмони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар мавзуи "Рушди ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозори" иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии ҷанбаҳои илмӣ ва коркарди тавсияҳои методӣ оид ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои сохтмонӣ мебошад.
Барои ноил гаштан ба ҳадафи муайяншуда дар диссертатсия иҷроиши чунин вазифаҳо пеш гузошта шуд:

1. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва методии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат, ошкоркунии нақши онҳо дар низоми идоракунии субъектҳои иқтисодӣ;
2. Омӯзиши хусусиятҳои технологӣ ва ташкилии истеҳсолоти сохтмонӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ;
3. Таҳлили ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии хароҷот ва коркарди амсилаи татбиқи онҳо дар корхонаҳои соҳаи сохтмон;
4. Омӯзиши муаммоҳои ташкили назорати фаъолияти ширкати сохтмонии саноатӣ аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ ва коркарди тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи он;
5. Мукаммалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар асоси такмили низоми буҷетикунонӣ дар корхонаҳои сохтмонӣ;
6. Татбиқи баҳисобгирии сегментӣ ва коркарди ҷанбаҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун самтҳои мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ.

**Объекти таҳқиқот** Объекти таҳқиқот низоми баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Предмети таҳқиқот** Мавзуи таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот**. Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, хусусан соҳаи сохтмон дар марҳилаи саноатикунонӣ ва таъминоти соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ бо инфрасохтори замонавӣ аз ҳолати ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат, ки таъминкунандаи асосии роҳбарияти корхонаҳои сохтмонӣ бо иттилооти иқтисодӣ барои қабули қарорҳои идоракунии босифат, бамаврид ва фоиданок мебошад, вобастагии кавӣ дорад

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии рисолаи диссертатсиониро таҳқиқоти олимони хориҷию ватанӣ дар самти муайянкунии консепсияи баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ, таҳлил ва аудит, инчунин таълифоти назариявии ин олимон вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда ташкил менамоянд. Дар рафти таҳқиқот аз маҷмӯи усулҳои муосири таҳлил ва синтез (равиши системавӣ ва диалектикӣ), ва як қатор усулҳои махсус, ба монанди абстраксияи илмӣ, иқтисодӣ-оморӣ, ҳаммонандсозӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ ва экспертӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, инчунин усулҳои марбут ба баҳисобгирии муҳосибӣ, чун ҳисобҳои муҳосибӣ, навишти дутарафа, арзишмуайянкунӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ғ. истифода бурда шуд.

**Саҳми довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар иҷрои таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар банизомдарории ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ, асосноккунии таърифҳои муаллифӣ дар заминаи омӯзиши консепсияҳои илмӣ, коркарди усулҳо, равишҳо ва амсилаҳои татбиқи баҳисобгирии идоракунии хароҷот, буҷетикунонӣ, тайёркунӣ, пешниҳоди иттилоот оид ба сегментҳои фаъолият ва дигар ҷанбаҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва технологии истеҳсолоти соҳаи сохтмон ифода меёбад. Дар асоси омӯзиши адабиёти гуногуни иқтисодӣ, санадҳо ва меъёрҳои соҳавӣ, ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқотӣ низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат, ҳамчун манбаи таъминоти иттилоотӣ, ки василаи муҳимтарини қабули қарорҳо барои идоракунандагони корхонаҳои сохтмонӣ ҳисоб меёбанд, таҳия карда шудааст.

**Сарчашмаҳои маълумот** санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи қонунҳо, стратегия ва барномаҳои рушди соҳавӣ, санадҳои меъёрӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, Фармонҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунии корхонаҳои соҳаи сохтмон, маводи конференсияҳо ва интишороти ба соҳаи баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ тааллуқдошта ташкил медиҳад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар тӯли солҳои 2021-2024 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои сохтмонӣ бо назардошти хусусиятҳои технологии

ташкили истеҳсолот, дар заминаи мукаммалгардонии унсурҳои низоми баҳисобгирии идоракунӣ ба мисли арзишмуайянкунӣ, буҷетикунонӣ, ҳисоботи сегментӣ (дохилӣ), назорати дохилӣ ва дигар ҷанбаҳои ташкилӣ ифода меёбад. Навгонии илмии таҳқиқот аз нуктаҳои муҳимтарини зерин иборат аст:

1. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат ҳамчун манбаи таъминоти иттилоотӣ дар корхонаҳои соҳаи сохтмон асоснок карда шуда, нақш ва аҳамияти онҳо дар рушди низоми идоракунии корхонаҳои зикршуда муқаррар карда шуд.

2. Хусусиятҳои технологӣ, ташкилӣ ва идоракунии истеҳсолоти сохтмонӣ омӯхта шуда, вобастагӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар асоси усулҳои амалигардонии корҳои сохтмонӣ (хоҷагӣ, пудратӣ ва ғ.) муайян карда шуд.

3. Ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии хароҷот вобаста ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи сохтмон, аз он ҷумла муқаррароти СБҲМ, корҳои лоиҳакашӣ ва рафти бунёди объектҳои сохтмонӣ таҳқиқ карда шуда, амсилаи татбиқи онҳо дар корхонаҳои соҳаи зикршуда коркард гардидааст.

4. Масъалаҳои ташкили назорати фаъолияти ширкати сохтмонии саноатӣ аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мавқеи назорати идоракунӣ дар низоми идоракунии ширкати сохтмонӣ самтҳои иҷроиши корҳои назоратӣ, усулҳои назорати идоракунӣ муайян карда шуда, тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардониии низоми назорати дохилӣ пешниҳод карда шуд.

5. Барои мукаммалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар асоси такмили низоми буҷетикунонӣ дар корхонаҳои сохтмонӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси фаъолияткунии онҳо тавсияҳои амалӣ коркард гардидааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунӣ ва натиҷаҳои дилхоҳи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ мусоидат менамоянд.

6. Имкониятҳои татбиқи баҳисобгирии сегментӣ ва ҷанбаҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои сохтмонӣ ҳамчун самтҳои мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ таҳлил ва баҳогузорӣ карда шуда, тавсияҳои методию амалӣ дар ин самт коркард карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар омӯзиш ва муайянкунии консепсияи рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сохтмон зоҳир гашта, ҳамчун сарчашмаи илмӣ дар таълифотҳои минбаъдаи соҳавӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Муқаррароти асосӣ, амсилаҳо ва тавсияҳои методии пешниҳодгардида аз аҳамияти амалии таҳқиқот дарак медиҳанд, ки онҳо метавонанд аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тартибдиҳии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва маъмурияти корхонаҳои сохтмонӣ

зимни татбиқ намудани баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати фаъолияти худ истифода бурда шаванд. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, ки самаранокии низоми баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар корхонаҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта шавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Аз натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои илмӣ бароварда шудаанд, ки онҳо дар шакли маърӯза ва мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии "Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон", маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Масоили муҳими такомул ва рушди аудити давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2019), «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ» (Душанбе, 2020), «Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Душанбе, 2020), «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (Душанбе, 2022) ва дигарҳо нашр шудаанд. Тавсияҳои методии таҳияшуда метавонанд ҳангоми ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд. Ҳамчунин, муқаррароти назариявӣ ва коркардҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаҳои бакалавриат ва магистратура аз рӯйи самти «Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит» истифода мешаванд. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Истифодаи усулҳои махсус, таҷрибаҳои гузаронидашуда, боэътимодии маълумоти истифодашуда, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди маълумот аз таҷрибаи корхонаҳои сохтмонии ватанӣ, интишорот оид ба натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ пешниҳод шудаанд.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзуи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати номи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия аз рӯйи бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ҷавобгӯ мебошад: бандҳои 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.7. Баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.13. Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ; 1.16. Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат); 3.1. Парадигмаҳои

ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои аудит, назорат ва бозрасӣ; 3.2. Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит, назорат ва бозрасӣ; 3.9. Рушди методологияи комплексии методҳои аудит, назорат ва бозрасӣ.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 8 кори илмӣ бо ҳаҷми умумии 3,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 2,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст. Интишороти мазкур ақидаҳои илмии муаллиф ва ҷанбаҳои асосии таҳқиқотро дар бар гирифта, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқ мебошанд.

**Апробатсия ва ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ, соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осими ҳангоми тадриси фанҳои «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит», “Қарордоди идоракунӣ” “Иқтисодиёти сохтмон”, «Таҳлили ҳолати истеҳсолию хоҷагидории ширкатҳои сохтмонӣ», ва ғайра истифода шудааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар низоми баҳисобгирии муҳосибии ҶДММ ИИИ «Бехатарии саноатӣ» (маълумотнома аз санаи 19 феврали соли 2024), ҶДММ “Диёри сабз” (маълумотнома аз санаи 24 январи соли 2024) татбиқ мешаванд.

**Рӯйхати интишороти Икромова Малоҳат Холовна доир ба мавзуи диссертатсия**

**А. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида**

1. Икромова М.Х. Мафҳум ва моҳияти назорати идоракунӣ дар низоми идоракунӣ [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2023. – №10. Қисми I. – С. 207-214. ISSN 2413-5151.

2. Икромова М.Х. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмони саноатӣ [матн] / М.Х. Икромова, Д.Т.Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №12. – С. 73-84. ISSN 2413-5151.

3. Икромова М.Х. Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи сохтмон: таҷрибаи ҷаҳон ва Тоҷикистон [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Политехникӣ: бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия - 2023. - №2 (62) - Саҳ. 58-63. ISSN 2520-2235.

4. Икромова М.Х. Хусусиятҳои технологӣ ва ташкилии истеҳсолоти сохтмонӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирӣ [матн] / М.Х.

Икромова // Паёми Политехникӣ: бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия – 2023. – №3 (63) – С. 60-67. ISSN 2520-2235.

5. Икромова М.Х. Ташкили назорати дохилӣ аз руи объектҳои сохтмон дар ташкилоти сохтмонии саноатӣ [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 4/1 (49) – С. 48-57. ISSN 2308-054X.

**Б. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо**

6. Икромова М.Х. Санъати меъории Осиёи Миёна дар асрҳои миёна / М.Х. Икромова // Маводи конфронсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Асосҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ташкилӣ-техникии рушди комплекси сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (22 майи соли 2021). - Душанбе: ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ, 2021 - С. 218-222

7. Икромова М.Х. Ташаккули усулҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар шикатҳои сохтмонӣ / М.Х. Икромова // Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Самтҳои стратегии соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" (25 ноябри соли 2022). Душанбе, ДБССТ, 2022. – Саҳ. 306-308.

8. Икромова М.Х. Таҳлили методологии шароити макроиқтисодӣ ва дараҷаи техникию ташкилии фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ [Матн] /Ш.Р. Орифова, М.Х. Икромова/ Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (Қисми 1) (21-23 юми майи соли 2022) / зери назари д.и.и., проф. Хушвахтзода Қ.Х. – Душанбе, матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022.- Саҳ. 122-127

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Икромова Малохат Холовна дар мавзуи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, ба талаботи бавндҳои 31, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзуи "Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экпертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 33 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 20 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и.,

профессор 3 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф»- нест.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз 21-уми феврали соли 2024, суратмаҷлиси №6 қабул гардидааст.

**Раис:**
**декани факултети**
**"ИС ва И" –и ДТТ**
**ба номи академик М.С. Осимӣ**
**н.и.и.** **Ашурзода А.Н..**

**Котиб:**
**муаллими калони**
**кафедраи иқтисодиёт**
**ва идоракунӣ дар сохтмони ДТТ**
**ба номи академик М.С. Осимӣ** **Каримова М.У.**

Имзоҳои Ашурзода А.Н.. ва Каримова М.У.-ро тасдиқ мекунам.

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДТТ ба**
**номи академик М.С. Осимӣ** **Қодирзода Н. Ҳ.**

**«23» феврали 2024 с.**